“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, д.и.х., профессор
Насриддинзода Э.С.__________
«_16_» _январи_ соли 2026

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Искандарзода Манижа Раҳматуло дар мавзуи “Таърихи рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон (таҳлили системавӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология дар кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст. Дар раванди омода намудани диссертатсия, муаллифи он Искандарзода Манижа Раҳматуло- ба ҳайси ассистент ва ҳамзамон, унвонҷӯйи кафедраи мазкур фаъолият намуда истодааст.

Искандарзода Манижа Раҳматуло шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, соли 2014 ба ихтисоси психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар зинаи таҳсилоти бакалавр дохил шуда, онро соли 2018 бомуваффақият хатм намудааст.

Баъдан, соли 2018 ба зинаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, Донишгоҳро соли 2020 аз рӯйи ихтисоси психология бомуваффақият хатм кардааст. Ҳамзамон, соли 2023 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм кардааст. Искандарзода Манижа соли 2023 ба сифати унвонҷӯйи кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Фаъолияти меҳнатии Искандарзода Манижа Раҳматуло аз соли 2018 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оғоз гардидааст. Айни замон, ба

ҳайси мутахассиси шуъбаи робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва ҳамзамон ассистенти кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кору фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи диссертатсия дар маҷлиси кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 15 ноябри соли 2023, суратмаҷлиси №4 ва қарори Шурои олимони факултети фалсафаи ДМТ аз 22-юми ноябри соли 2023, таҳти №4 зери унвони "Таърихи рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон (таҳлили системавӣ)", зери роҳбарии доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси психология, и.в. дотсенти кафедраи психология Латифзода Сомон Зариф тасдиқ гардид.

Дар асоси супоридани имтиҳонҳои номзадӣ ба Искандарзода Манижа Раҳматуло маълумотнома дар бораи имтиҳонҳои номзадии супоридашуда санаи 23 апрели соли 2025 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи "Таърихи рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон (таҳлили системавӣ)" хулосаҳои зерин бароварда шуд:

- мавзуи диссертатсия ба ихтисоси 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология мувофиқат мекунад;

- масъалаи таҳқиқшуда аҳаммияти муҳимми назариявию илмӣ ва амалиро соҳиб мебошад. Ба ибораи дигар, масъалаи омӯзиши психологияи ватанӣ дар замони соҳибистиқлолӣ яке аз масъалаҳои муҳимми замони муосирро ташкил медиҳад. Бо истиқлолияти сиёсӣ ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон, илми ватанӣ низ истиқлолиятро ба даст овард ва дигар соҳаҳои илмӣ таҳқиқоти илмии хешро вобаста ба дастовардҳои даврони истиқлолият дар тафовут бо даврони шуравӣ ба роҳ монданд. Дар ин замина, рушди психологияи илмию амалӣ, дар маҷмуъ психологияи ватанӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ мавриди

таҳқиқи илмӣ қарор дода шуд. Дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди худшиносӣ, тарбияи насли наврас дар руҳияи ватандӯстию ватанпарварӣ, пешгирии мардум аз пайомадҳои хатарзои шомилшавии онҳо ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию террористӣ далолаткунандаи муҳиммияти фаъолияти психолог дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон мебошад. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, муҳаққиқи ҷавон масъалаи мазкурро бо асоснокунонии илмӣ мубрам дониста, ба сифати мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ қарор додааст;

- дар асоси мақсади таҳқиқот диссертант вазифаҳои зеринро дар наздаш гузошт ва онҳоро ҳал карда тавонист, аз ҷумла: таҳлили маводҳои бойгонӣ, библиографӣ ва ҳуҷҷатие, ки рушди афкори психологиро дар ҷумҳурӣ инъикос мекунанд, бо мақсади муайян кардани вазъи кунунии психологияи илмию амалӣ дар замони соҳибистиқлолӣ; таҳия ва асоснок кардани даврабандии рушди психологияи илмию амалӣ дар Тоҷикистон; муайян кардани саҳми олимон ва муҳаққиқони ватанӣ дар рушди психологияи илмию амалӣ; таҳлили психологии фаъолияти психологҳои соҳаи академию амалӣ ва муайян намудани сифатҳои муҳимми касбии онҳо; таҳлили психологии шабакаҳои иҷтимоӣ ҷиҳати муайян намудани вазъи кунунӣ ва дурнамои фаъолияти касбии психологҳои соҳаи академию амалӣ; таҳияи пешниҳоду тавсияҳо барои беҳтар кардани омодасозии мутахассисон, рушди таҳқиқоти илмӣ ва тақвияти нақши психология дар ҳаёти иҷтимоии Тоҷикистон; ташхиси қобилият ба эмпатия дар мутахассисон ва ғайримутаххассион, ки ба фаъолияти психологияи илмию амалӣ машғул мебошанд.

Ҳамзамон, мавриди зикри хос аст, ки таҳқиқи мавзуи "Таърихи рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон (таҳлили системавӣ)" ифодакунандаи аппарати илмии диссертатсияро ташкил медиҳад.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки маълумоти бадастомада, дониш дар бораи рушди психологияи академию амалиро амиқтар месозад. Ҳамзамон, тавассути пурсишномаҳои коркардшудаи муаллифӣ метавон вазъи кунунии психологияи ватаниро дар замони соҳибистиқлолӣ ва сифатҳои муҳимми касбии ин намуди фаъолият муайяну мушаххас намуд.

Ҳамин тариқ, аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои он ба таҳкими асосҳои илмӣ ва методологии психологияи ватанӣ, ташаккули амсилаи миллии рушди психологияи илмию амалии ба воқеиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон нигаронидашуда мусоидат мекунанд.

Асосҳои методологии таҳқиқотро принсипҳои таърихнигорӣ, системанокӣ, объективии илмӣ ва равиши фарҳангӣ-таърихӣ ташкил медиҳанд. Ин принсипҳо ба рушди психологияи илмию амалӣ дар Тоҷикистон ҳамчун раванди мураккаб, бисёрҷанба ва мантиқӣ, ки бо тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ, таълимӣ ва фарҳангии ҷомеа алоқаманд аст, имкон медиҳанд.

Гузашта аз ин, дар ин таҳқиқ принсипу раҳёфтҳои методологии зерин амалӣ карда шудаанд: раҳёфти таърихӣ-илмии омӯзиши генезис ва таҳаввули афкори психологии мутафаккирон дар Тоҷикистон; раҳёфти фарҳангӣ-таърихӣ (Л.С. Виготский, А.Н. Леонтев) имкон медиҳад, ки рушди психологияи илмию амалӣ дар Тоҷикистон дар робита бо хусусиятҳои фарҳанги миллӣ, забон, анъанаҳо ва муҳити этнофарҳангӣ дарк карда шавад; раҳёфти субъекти фаъолият (А.В. Брушлинский, С.Л. Рубинштейн); раҳёфти фаъолияти ҳаётӣ (К.А. Абулхонова, Б.Г. Ананев, Л. Антсиферова, А.Н. Леонтев); раҳёфтҳои таҳлили психологии

фаъолияти касбӣ: системавӣ (А. Деркач, Б.Ф. Ломов, В.Д. Шадриков), субъективӣ (К.А. Абулханова, Б.Г. Ананев, А.В. Брушлинский, С.Л. Рубинштейн).

Дар диссертатсияи мазкур навгонии илмии таҳқиқот ба таври зарурӣ асоснок гардида, андешаҳои назаррас пешниҳод шудаанд, ки онҳо чунинанд: дар Тоҷикистон бори нахуст рушди психологияи илмию амалӣ, вазъи кунунӣ ва дурнамои он, таҳлили ин фаъолият ҷиҳати ошкор ва муайян намудани сифатҳои муҳимми касбӣ мавриди пажуҳиши илмӣ қарор дода шуд; таҳлили шабакаҳои иҷтимоӣ ҷиҳати муайян кардани вазъи кунунӣ ва мушкилоти психологияи амалӣ дар Тоҷикистон ва нигоҳи мардум ба он; муайян кардани қобилият ба эмпатия дар мутахассисон ва ғайримутаххассион, ки ба фаъолияти психологияи илмию амалӣ машғуланд; таҳияи ду пурсишномаи психологӣ ҷиҳати муайян намудани вазъи кунунӣ ва дурнамои фаъолияти касбии психологҳои соҳаи академию амалӣ.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар раванди таҳқиқот назаррас буда, мубрамияти мавзуъ, ҳадафи асосии таҳқиқот, иҷрои вазифаҳои дарпешгузошташуда, марҳалаҳои таҳқиқот бо иштироки бевоситаи диссертант ба анҷом расидааст, ки аз маҳорати баланди донишандӯзии ӯ дарак медиҳад. Диссертант дар доираи таҳқиқоти хеш пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳои таҳлилӣ, пешниҳоди мушаххас ва нуқтаҳои илмии худро дар интишороташ ҷо намуда, бо асосноккунонии илмию иқтибосоварӣ исбот кардааст, ки дар ҷодаи фаъолияти илмӣ аз муваффақ будани ӯ шаҳодат медиҳад.

Мавзуи диссертатсия яке аз масъалаҳои муҳимми илми психологияи ватаниро фарогир буда, дар замони муосир аҳаммияти хосса дорад ва ҷанбаи назариявию амалиро соҳиб аст. Таҳқиқоти мазкур ҳамчун як таҳқиқоти хусусияти миллидошта, ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад. Зеро диссертатсияи мазкур дар чаҳорчӯбаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии

кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки ба омӯзиши ҷанбаҳои психологии рушди ҷомеа дар шароити ҷаҳонишавӣ равона шудааст, таҳия ва иҷро гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба рамзи ихтисоси 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст, пурра мутобиқат менамояд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, 3 боб, 6 зербоб, хулоса, тавсияҳо, адабиёти истифодашуда, замима ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст.

Корҳои нашршудаи диссертант ва автореферат мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 маъруза дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ба табъ расидааст, ки мазмуну моҳияти рисолаи илмиро дар бар мегирад. Ба ибораи дигар, диссертант Искандарзода М.Р. дар интишороти худ натиҷа, хулоса ва тавсияҳои аз таҳқиқоти бадастовардаашро ҷо намудааст. Теъдоди маводи чопшуда аз ҷониби диссертант ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пурра мувофиқат мекунад.

Мақолаҳои илмии диссертант Искандарзода М.Р. дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Аз ҷумла:

1. Искандарова, М.Р. Марказҳои илмӣ-таҳқиқотии психологӣ дар Тоҷикистон: маълумотномаи таърихӣ / М.Р. Искандарова // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Душанбе, 2024.- №3,52. -С. 76-79.

2. Искандарова, М.Р. Сарчашмаҳои таърихӣ – ҳамчун методҳои таҳқиқоти таърихи психология / М.Р. Искандарова // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. -Душанбе, 2024. №2,51.-С.50-54.

3. Латифзода С.З. Рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон / С.З. Латифзода, М.Р. Искандарова // Пажуҳишгоҳи рушди маориф. Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ. Душанбе, 2024. №4 (48).-С.97-103.

4. Латифзода С.З. Таърихи мухтасари ташаккул ва рушди психологияи ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон / С.З. Латифзода, М.Р. Искандарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе, 2024. №5 (60). - қисми 1. С.62-67

Диссертант Искандарзода М.Р. дар як қатор конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок ва маъруза намудааст. Аз ҷумла:

5. Саҳми академик Д.И. Фелдштейн дар бунёд ва рушди хадамоти психологӣ дар Тоҷикистон / М.Р. Искандарова // Маводи конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» 2024. -Ҷилди II - С. 56-59.

6. Таърихи рушд ва инкишофи психологияи эмперикӣ / М.Р. Искандарова // Маводи конференсияи ҷумхуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон ва унвонҷӯёну докторантони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия (солҳои 2025-2030)», «700-солагии шоири ғазалсарои тоҷику форс Ҳофизи Шерозӣ» ва «115-солагии Шоири халқии Тоҷикистон Боқӣ Раҳимзода». - С. 188-192.

7. Психологияи илмӣ: заминаҳои таърихии рушди он // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон ва унвонҷӯёну докторантони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия (солҳои 2025- 2030)», «700-солагии шоири ғазалсарои тоҷику форс Ҳофизи Шерозӣ» ва «115-солагии Шоири халқии Тоҷикистон Боқӣ Раҳимзода». - С. 185-188.

8. Нақши психотаърих дар шароити ҷаҳонишавӣ // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Тамоюлҳои рушди психологияи муосир ва татбиқи онҳо дар низмои таҳсилоти рақамӣ” (12-уми феврали соли 2026). - С. 157-163.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар раванди истеҳсолот, яъне ҳангоми мураттаб намудани барномаҳои мақсаднок, модулҳои омӯзишӣ ва дигар ҳолатҳо мавриди истифода қарор гирифта метавонанд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди пажуҳиши минбаъдаи масъалаи соҳаҳои дигари психологияи ватанӣ ҳамчун сарчашмаи илмию методологӣ хизмат намояд.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилу баррасӣ ва хулосабарории диссертатсияи мазкур чунин

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи таҳиянамудаи унвонҷӯй Искандарзода Манижа Раҳматуло дар мавзуи: “Таърихи рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон (таҳлили системавӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология таҳқиқоти анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Искандарзода Манижа Раҳматуло дар мавзуи: “Таърихи рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон (таҳлили системавӣ)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

психологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология пешниҳод гардидааст, бо назардошти ислоҳи эроду тавсияҳои гирфташуда, барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-066 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

3. Аз раиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-066 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки хулосаи кафедраи психологияро ба инобат гирифта, рисолаи илмии муҳаққиқ Искандарзода Манижа Раҳматуло дар мавзуи: "Таърихи рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон (таҳлили системавӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психологияро ба ҳимоя пешбарӣ намояд.

Хулоса, дар маҷлиси васеи кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 14-уми январи соли 2026 протокол таҳти №6 қабул гардидааст. Иштирок доштанд: ҳамагӣ 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» -16 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
**н.и.с., дотсент** **Расулов С.Х.**

**Котиби ҷаласа: н.и.пс., дотсент** **Амонов Н.Қ.**

**"Имзоҳои С.Х. Расулов ва Н.Қ. Амоновро тасдиқ мекунам".**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** **Шодихонзода Э.Ш.**

**«16» январи соли 2026**